**БАРОИ ПЕШРАФТ ВА ЗИНДАГИИ ШОИСТАИ МАРДУМ!**

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

№ 9 (371),
16 апрели соли 2020

► E-mail: hkhdt_khatlon@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



## БОЗДИДИ РАИСИ ВИЛОЯТ АЗ БОҒИ НАВБУНЁДИ ПИСТАЮ БОДОМ ДАР ҶАЙҲУН

***Раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода бо фаъолияти чанде аз хоҷагиҳои пиёзкори ноҳияи Ҷайҳун аз наздик шинос шуд.***

***Кишоварзони ноҳияи Ҷайҳун дар тамоми қаламрави кишвар бештар бо пиёзу сабзикорӣ ва лимӯпарварӣ машҳур буда, маҳсулоти парваридаашон на танҳо дар бозорҳои дохили мамлакат, балки дар хориҷи кишвар низ харидори бисёр дорад.***

Тибқи иттилои шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон, майдони умумии кишти зироатҳо дар ноҳияи Ҷайҳун 16 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки аз он дар 3721 гектар пиёз, зиёда аз 2000 гектар полезӣ, 300 гектар картошка кишт гардидааст.

Пиёзкорони ноҳия тӯли 4-5 рӯзи охир ба ҷамъоварии ҳосил машғул буда, аллакай ба содироти маҳсулоташон ба шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ оғоз кардаанд.

Ҳамзамон, дар майдони қариб 100 гектар аз кишти такрории мавсими гузашта захираи сабзӣ мавҷуд буда, дар сурати пайдо шудани талабот чида ва фурӯхта хоҳад шуд.

Дар Ҷамоати деҳоти Панҷ Қурбон Ҳакимзода аз майдони кишти маъсар дидан намуд. Масоҳати умумии майдони кишти ин навъи маҳсулот дар ноҳия 315 гектарро ташкил дода, ҳосилаш дар ибтидои тобистон ғундошта хоҳад шуд.

Дар Ҷамоати деҳоти Панҷи ноҳияи Ҷайҳун Маркази тақсимоти яклухти "Хатлон" амал мекунад, ки бо сармояи он дар масоҳати 65 гектар боғи нави бодом, шафтолу ва писта бунёд гардидааст. Ин боғ бо ибтикори соҳибкор Саймурод Давлатов ва дастгирии Пешвои миллат дар заминҳое, ки солиёни зиёд бекор хобида буд, бунёд шудааст.

Ба раиси вилоят иттилоъ доданд, ки дар ин мавзеъ 13 ҳазор бех пистаи пайвандии аз Туркия овардашуда ва 300 бех зайтун шинонида шудааст. Аз ҷониби соҳибкор ба ин мавзеи беоб аз масофаи 4,5 километр об оварда шуда, ниҳолони писта бо усули обёрии қатрагӣ парвариш карда мешаванд. Ба қавли мутахассисон, пистаи мазкур пас аз 4 сол ба ҳосил даромада, то ҳосилдеҳ шуданаш дар замини байни ниҳолон тарбуз ва нахӯд кишт карда мешавад.

Раиси вилоят Қурбон Ҳакимзода ба фаъолияти боғдории масъулони ин мавзеъ баҳои баланд дода, ба роҳбарияти ноҳия ҷиҳати дастгирии ташаббусҳои минбаъдаи соҳибкорону кишоварзон дастуру супоришҳои мушаххас дод.

*"Ҳамрози халқ"*

## ҲИЗБЕ, КИ МАРОМАШ СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРИСТ

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ташкилоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ буда, фаъолияташ барои эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва самти иҷтимоидошта, аз лиҳози иқтисодӣ тараққиёбанда ва беҳдошти сифати ҳаёти мардум равона шудааст.

Таъмини ваҳдати миллӣ, суботи сиёсӣ, созандагию бунёдкорӣ ва рушди устувори иқтисодӣ ва шароити мусоид фароҳам овардан ба ҳар як сокини кишвар аз ҳадафҳои ҲХДТ маҳсуб меёбад. Саҳми ҲХДТ ва аъзои он дар самти ноил шудан ба дастовардҳои замони Истиқлолияти давлатӣ хеле бузург аст.

Имрӯзҳо дар тамоми шаҳру навоҳии вилояти Хатлон ба хотири таҷлили сазовори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои созандагиву бунёдгорӣ аз ҷониби ҳизбиён вусъати тоза дошта, дар ин баробар ашхоси ниёзманд пайваста зери таваҷҷуҳ қарор доранд.

Бо мақсади ҷонибдорӣ аз сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти дастгирии қишри ниёзманди ҷомеа аз ҷониби шахси саховатманду хайрхоҳ, узви фаъоли ҲХДТ, вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Бохтар Баҳром Расулзода дар ҳамкорӣ бо Кумитаи иҷроияи шаҳрии ҲХДТ ба як қатор оилаҳои ниёзмад кумакҳои яквақтаинаи моддӣ расонида шуд. Аз ҷумла, ба 15 маъюб кумакҳои молиявӣ, ба 10 корманди соҳаи тиб, ки имрӯзҳо барои пешгирии бемории коронавирус шабонарӯзӣ кор бурда истоданд, дар маҷмӯъ ба зиёда аз 60 оила кумак расонида шуд.

Сокинон аз таваҷҷуҳи ҳамешагии Сарвари давлат ва соҳибкорони бонангу номус изҳори миннатдорӣ намуда, таъкид карданд, ки аз доштани чунин Пешвои ҳалиму ғамхор мефахранд.

Ҳамзамон, бо ҷонибдорӣ аз сиёсати ободкоронаи Пешвои миллат ва бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Баҳром Расулзода дар ҳудуди маҳаллаҳои "Ҷамила Мирзоқодирова", "Зарбдор" ва "Дустӣ"-и шаҳр 650 метр роҳ сангфарш карда шуд.

Бояд гуфт, ки чунин иқдомҳои нек аз ҷониби кумитаҳои иҷроия ва ташкилотҳои ибтидоии ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳо пайваста гузаронида мешаванд.

*"Ҳамрози халқ"*





АЗ ҶАЛАСАИ НАЗДИ РАИСИ КУМИТА 2



СУДУ ЗИЁНИ КИШОВАРЗОНИ ХАТЛОНӢ АЗ БАРФ 3



*АЗ ФАЪОЛИЯТИ СОХТОРҲОИ ҲИЗБӢ* 4



ЭҲЁГАРИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ 6



ММТ: ДОХИЛ ШУДАН ХОҲӢ, ДОНИШ АНДӮЗ! 7

# АЗ ҶАЛАСАИ НАЗДИ РАИСИ КУМИТА

Ҷаласаи назди Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон бо иштироки кормандони дастгоҳи вилоятии кумитаи иҷроия баргузор гардид. Зимнан, дар ҷаласа кормандони масъули кумита аз фаъолияти худ дар нимаи аввали моҳи апрел натиҷагирӣ карда, атрофи иҷрои уҳдадориҳои вазифавии хеш ҳисобот доданд.

Раиси кумитаи иҷроия Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода дастур дод, ки корҳои оммафаҳмонӣ бобати пешгирии беморории коронавирус боз ҳам пурзӯр карда шаванд.

Зимнан, зикр шуд, ки дар доираи фаҳмондадиҳӣ аксбардорӣ шуда, тариқи шабакаи иҷтимоии интернетии Фейсбук ва сомонаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон (www.hkhdtkhatlon.tj) нашр гаштанд, ки дар маҷмӯъ 321 маводро ташкил мекунанд.

Дар ин самт кумитаҳои иҷроияи шаҳру ноҳияҳо вазифадор мегарданд, ки ҳамарӯза ба кумитаи вилоятӣ ахбор ирсол намуда, раванди баргузории чорабиниро дар сомона ва дигар саҳифаҳои иҷтимоӣ сари вақт интишор намоянд.

Сарпарастон дастур гирифтанд, ки бо масъулони кумитаҳои иҷроияи



имкониятҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон 5000 нусха варақаи махсуси иттилоотӣ чоп ва паҳн карда шуд.

Ҳамчунин, дар маҷмӯъ то ба имрӯз дар саросари вилояти Хатлон 32925 вохӯриву суҳбатҳо бо усули "хона ба хона" гузаронида шуда, зиёда аз 60040 нафар сокинон фаро гирифта шуданд. Зиёда аз 34865 варақаи иттилоотӣ дар шаклҳои гуногун аз ҷониби ихтиёрони ТҶҶ "Созандагони Ватан" дастраси омма гаштанд. Раванди баргузории чорабиниҳои таблиғотиву шаҳру ноҳияҳо тариқи сомонаи https://hkhdtkhatlon.workplace.com раванди мубодилаи иттилоъ ва робитаи интерактивии фосилавиро пурсамар намоянд.

Раиси кумитаи иҷроия супориш дод, ки ҷиҳати таҳкими фаъолияти таблиғотӣ баргузории чорабиниҳо бо реҷаи ҷамъбасти ҳаррӯза роҳандозӣ ва натиҷагирӣ карда шавад. Дар идома дигар мавзӯъҳои рӯзмарра низ баррасӣ шуданд.

*"Ҳамрози халқ"*

# ДАР КӮЛОБ ДАВРИ ДУЮМИ ОЗМУН БАРОИ КВОТАИ ПРЕЗИДЕНТӢ БАРГУЗОР ШУД

***Дар шаҳри Кӯлоб даври дуюми озмун барои квотаи президентӣ доир гардид. Квотаи президентӣ бо мақсади муайян ва интихоб намудани хонандагони болаёқат ва ҷалби онҳо ба муассисаҳои олии мамлакат гузаронида мешавад.***



Давоми 22 соли охир тибқи ин квота садҳо нафар довталаб ба муассисаҳои олӣ ва касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, баъди хатм ҳамчун мутахассисони соҳаҳои гуногун дар шаҳру ноҳияҳо фаъолияти хешро идома дода истодаанд. Дар шаҳри Кӯлоб ҳамасола шумораи довталабон барои дарёфти квотаи президентӣ дар ҳоли афзоиш аст.

Тавре котиби комиссияи квотаи президентӣ дар шаҳри Кӯлоб Гулчеҳра Шомадова иттилоъ дод, квота аз рӯйи низомнома ва риояи коидаҳои муайянкардаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Барои шаффоф гузаронидани озмуни мазкур тамоми шароит муҳайё гардида, волидайну омӯзгорон озодона ҷараёни онро назорат мебаранд.

Аз шумораи умумии 818 довталаб 99 нафар беҳтаринҳо ба даври навбатӣ роххат гирифта, баъди супоридани имтиҳон тариқи тестӣ ва суҳбат соҳиби квота хоҳанд шуд.



# НАҚШАИ ДАЪВАТИ НАВАСКАРОН АЗ НИСФ ЗИЁД ИҶРО ШУД

***Вилояти Хатлон нақшаи даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давоми 14 рӯз ба андозаи 54% иҷро намуд.***

Бино ба иттилои шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон, то ба имрӯз шаҳри Норак ва ноҳияҳои Данғара, Носири Хусрав, Ховалинг, Шамсиддин Шоҳин ва Муъминобод, ин маъракаро ба андозаи 100% иҷро намуда, ноҳияҳои Балҷувон, Фархор, Хуросон, Темурмалик ва Панҷ бошанд, нишондодашон аз фоизи миёнаи вилоят боло буда, тасмим гирифтаанд, ки рӯзҳои наздик иҷрои нақшаро бо сарбаландӣ иҷро намоянд.

Даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон аз 1-уми апрел оғоз шуда, то охири моҳи май идома меёбад ва он шаҳрвандонеро, ки соли таваллудашон миёни солҳои 1993 ва 2002 аст, дарбар мегирад.

# БОЗДИДИ РАҲМОНЗОДА АЗ ГУЛИСТОН ВА МАРҒАК



Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Абдуҷаббор Раҳмонзода, раиси шаҳри Кӯлоб Бахром Иноятзода ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Орзуи Ҳамидиён бо мақсади шиносоӣ бо ҷараёни ободкориҳо дар деҳотҷойҳо аз Ҷамоати деҳоти Зарбдори шаҳри Кӯлоб дидан карданд.

Ба корҳои сохтмонӣ, ки ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаҳои Гулистон ва Марғак роҳандозӣ шудаанд, шинос шуда, барои бо сифати хуб иҷро шудан ва дар муҳлати пешбинишуда ба истифода супурдани иншоотҳо аз ҷониби ёрдамчии Президент супоришҳои мушаххас ироа шуд.

Раиси шаҳр тазаккур дод, ки то рӯзи ҷашн шумораи биноҳои навбунёди таъйиноташон гуногун дар тамоми деҳаҳо зиёдтар шуда, ба ин васила шароити зисти мардуми маҳал беҳтар ва шумораи чойхоҳои нави корӣ бештар хоҳад шуд.

# БАЛҶУВОН. ВАКИЛОН БОҒ БУНЁД КАРДА ИСТОДААНД

Вакилони маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Балҷувон дар ҳамдастӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар масоҳати 1,8 гектар боғи намунавӣ бунёд карда истодаанд. Он дар деҳаи Хироб ҷойгир буда, бо номи "Боғи вакилон" ёд мешавад.

Иттилоъ дода шуд, ки минбаъд ҳар як намояндаи халқ тӯли панҷ соли фаъолияти вакилӣ дар ин мавзеъ на кам аз 20 бех ниҳоли гуногуни мевадиҳанда шинонида, дар нигоҳубинашон ҳисса мегузорад.

Ташаббуси мазкур дар ҳошияи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати бунёди боғоти нав ва кабудизоркунии мавзеи зист, бахусус деҳотҷойҳо роҳандозӣ карда шуд.

АЗ ФАЪОЛИЯТИ СОХТОРҲОИ ҲИЗБӢ

## КӮЛОБ. САМТҲОИ БОАФЗАЛИЯТ МУАЙЯН ШУДАНД

Дар толори Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб таҳти раёсати раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб Орзу Ҳамидиён маҷлиси раёсати кумитаи иҷроия баргузор гардид. Дар ҷараёни он ҳашт масъалаи мубрам мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Вобаста ба масъалаи якум – фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб дар давоми се моҳи соли 2020 маърӯзаи Орзу Ҳамидиён шунида шуд. Ӯ аз ҷумла, зикр кард, ки Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ҳамчун ҳизби пешоҳанги ҷомеа дар раванди таъмини пойдории ваҳдату субот ва рушди устувори кишвар саҳми зиёд гузоштааст, ки дар ин росто нақши ҳизбиёни шаҳри Кӯлоб низ назаррас аст. "Аҳли раёсати кумитаи иҷроияро зарур аст, ки корро дар самти ҳифзи манфиатҳои миллӣ боз ҳам тақвият бахшида, баҳри баланд бардоштани маърифати сиёсию иҷтимоии аъзои ҳизб ва аҳли ҷомеа чораҳои мушаххасро роҳандозӣ кунанд", – афзуд О. Ҳамидиён.

Бо пешниҳоди аъзои раёсат дар ҳошияи истиқболи шоиста аз 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷамъбасти сазовор аз ташаббуси Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ, солҳои 2020-2021, барои ҳизбиёни шаҳри Кӯлоб "Солҳои таҳкими худшиносии миллӣ" эълон карда шуд.

Дар ҳамин замина бо қабули қарори дахлдор иқдому чорабиниҳои зерин ҳамчун самтҳои боафзалияти фаъолияти оянdai сохторҳои ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб эълом карда шуданд: "Интизоми ҳизбӣ – асоси иҷроиши Барномаи ҲХДТ!", "Ободии Ватан аз ободии деҳаву маҳалла сар мешавад", "Солимии миллат – бақои давлат!", "Ҳамватанони маъюбу бепарастор ва ятимон зери таваҷҷуҳ ва дастгирии ҲХДТ қарор доранд", "Навовариву ихтироъкорӣ аз кабинетҳои фаннӣ оғоз мегардад!", "ҲХДТ – сипари Тоҷикистон дар пешорӯйи ҷангҳои иттилоотӣ!", "Сатҳи некӯаҳволии мо аз рушди саноат вобаста аст", "Варзиш! Новобаста аз синну сол", "Садоқат ба Ватан. Аз сухан то амал", "Сайри Ватан ва тарғиби таърихи куҳан".

Масъалаҳои дигар низ мавриди муҳокимаи ҳамаҷониба, таҳлил ва баовозгузорӣ қарор гирифтанд.





## МОДАРОН АЗ ФАРЗАНДОН ХИДМАТИ СОДИҚОНА ТАҚОЗО КАРДАНД

Дар ноҳияи Носири Хусрав маросими гусели ҷавонони синни даъват ба сафи Артиши миллӣ хотирмон сурат гирифт. Онҳо бо дарки масъулияти фарзандӣ дар назди Ватан-Модар ихтиёрӣ ба комиссариати ҳарбии ноҳия ҳозир шуданд.

Чорабинии идона дар қасри фарҳанги ноҳия доир гардид. Узви кумитаи иҷроияи вилоятӣ ва ноҳиявии ҳизб, раиси ноҳия Даврон Нишонзода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Сурайё Ализода ва дигар баромадкунандагон таъкид карданд, ки хизмат ба меҳан қарзи имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбия, матонат, ҷасорат ва ватанхоҳӣ маҳсуб меёбад.

Модарони даъватшудагон Лаълбегим Буҷабекова ва Ашӯргул Сафарова зикр карданд, ки нишоти рӯзгор аз оромии кишвар вобаста аст. Зимнан, дар симои фарзандони хеш аз ҳама ҷавонон хоҳиш карданд, ки хизмати ҳарбиро бо дилу ҷон ба ҷо оварда, бо сари баланд ба хона баргарданд.

Пас аз манзур шудани барномаи рангини фарҳангӣ, ки дар ташкили он аъзои ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан»-и назди КИ ҲХДТ ҳиссаи сазовор гузоштанд, даъватшудагон бо дуои неки пирони рӯзгордида барои адои қарзи ҷавонмардӣ гусел карда шуданд.

# СУДУ ЗИЁНИ КИШОВАРЗОНИ ХАТЛОНӢ АЗ БАРФ

***Боридани барфи ногаҳонии бошиддат рӯзи 9-уми апрели соли равон деҳқонони вилояти Хатлонро ба ташвиш овард. Бештари онҳо аз таъсири барф ва сардӣ ба зироати киштакардаашон нигаронанд.***



Содиқ, кишоварз аз ноҳияи Кӯшониён, гуфт, дар замини хоҷагии деҳқониаш дар зери плёнка пахта, тарбуз ва дигар зироат кишт кардааст. Бинобар сард омадани баҳори имсола умеди бардоштани ҳосили фаровон надорад. "Ҳоло барои вайрон кардани киштзор ва дубора коштан ба хулосаи ниҳоӣ наомадаам. Зеро барои гузаронидани кишти такрорӣ маблағи зиёд даркор аст. Киро кардани техника мушкил аст. Барои харидани тухмӣ ва ҷалби қувваи корӣ ҳам маблағ лозим мешавад. Агар сардӣ ба зироатҳои мо таъсири манфии сахт расонида бошад, маҷбурем, ки кишти дубора гузаронем. Барои ин бо агрономҳои ботаҷриба маслиҳат карда истодаем", - афзуд ин кишоварз.

Дар ҳамин ҳол Ҷамшед Рауфов, директори филиали Институти зироаткории назди Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар, мегӯяд, резиши ногаҳонии барф дар фасли баҳор ба кишоварзон зиёни зиёд наовард. "Асосан боғдорон зарар диданд. Чунки дар зери бори барф шохаҳои дарахтон шикастанд, - мегӯяд ӯ. - Дар шаҳру ноҳияҳое, ки ҳарорати ҳаво то 0 дараҷа поин омад, таъсири барф ба боғу токзор ва зироати деҳқонон зиёдтар расид. Дар минтақаи Кӯлоб боришоти барф бештар буд".

Зимнан, афзуд, ки аз сӯйи дигар барф барои нест кардани ҳашароти гуногун ва нарм шудани замин мусоидат мекунад.

Ин ҳам дар ҳолест, ки Ҳидоятулло, деҳқон аз ноҳияи Ҷайҳун, мегӯяд, дар ҳар сурат боридани барфи ногаҳонӣ дар фасли баҳор ба мо - деҳқонон зарар овард. Ва ба эҳтимоли зиёд, фаровонҳосилии полезиҳо, боғҳо, дарахтони ситрусӣ зери суол равад. "Бехабар аз чунин боду ҳаво тарбузро дар зери плёнка кишт карда будем. Ин зироат бисёр нозук буда, парваришаш махсус металабад. Баъди боридани барф маҷбур шудем, ки полезиро дар зери плёнка аз нав кишт кунем, ки барои ин маблағи зиёд сарф шуд", - илова кард ӯ.

Амирбеки Темур, сардори Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон низ мегӯяд, аз бориши бошиддати барф ба зироат ва боғу токзори кишоварзон зарари ҷиддӣ нарасидааст. Яъне ҳаво ба он дараҷае сард нашуд, ки ба киштзорҳо таъсир расонда тавонад. "Гурӯҳи корӣ бо супориши муовини Сарвазири кишвар ташкил шуда, ба шаҳру ноҳияҳо сафарбар карда шуданд. Ба ин гурӯҳ ҳатто академикҳои соҳаи кишоварзӣ ҷалб шудаанд. То ҳол аз ягон шаҳру ноҳия санади зарари зироат аз сардӣ ба мо наомадааст.

...Ҳамроҳи раиси вилоят интихобан ба чор ноҳия сафар кардем. Бо масъулон ва деҳқонон аз наздик суҳбат намудем. Ягон нафар аз хунук задани зироат шикоят накард.

...Агар зарур донед, аз натиҷаи кори гурӯҳ баъдан ба шумо маълумоти муфассал медиҳем", - изофа кард ӯ.

Чунин барфи ногаҳонӣ, ба иттилои обуҳавосанҷҳо, 26 сол пеш, яъне моҳи апрели соли 1994 борида буд.

***М. АЛОВИДДИН,***
***"Ҳамрози халқ"***



# АЗ ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБИЁН

***ҚУБОДИЁН.*** Гурӯҳи кории Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён ва намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон бо мақсади пешгирии бемории сироятии коронавирус дар чанде аз деҳоти ноҳия корҳои оммафаҳмониро амалӣ карданд.

Дар яке аз чунин вохӯриҳо муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон Дилафрӯзи Абдулло ва раиси Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб Шарифзода Маҳмадаюб бо аҳолии деҳоти ба номи Эшмурод Ниёзов вохӯрда, роҳҳои пешгирии бемориро фаҳмониданд. Таъкид карданд, ки гигиенаи шахсӣ бояд риоя шуда, ҳамагон



қоидаҳои тозагии хонаву лавозимоти рӯзгорро қатъиян риоя намоянд.

Ҳамчунин, барои бештар маълумот пайдо намудан оид ба ин бемории хавфнок ба сокинон маводҳои таблиғотӣ дар шакли буклетҳо дастрас карда шуд.



***КӮШОНИЁН.*** Имрӯз, ки ҷомеаи ҷаҳониро паҳншавии бемории коронавирус ба ташвиш овардааст, кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кӯшониён оид ба ин масъалаи ҷиддӣ бетараф набуда, дар тамоми деҳаву ташкилотҳо вохӯрӣ ва корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ мондаанд. Ба ин хотир дар ташкилоти ибтидоии “Маорифчиён” ва муассисаи таҳсилоти томактабии №7-и ноҳия вохӯрӣ гузаронида шуда, намояндагони ҳизб ҷиҳати риояи гигиенаи шахсӣ, омилҳои пайдоиши бемориҳои вирусӣ маълумоти муфассал доданд. Ҳамчунин, барои истифода аз ниқобҳои яккарата, маҳлулҳои безараргардонӣ, истифодаи дастпоккунҳои яккарата корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, ба иштирокдорон маводҳои тарғиботӣ дастрас карданд.

***ФАРХОР.*** Дар ноҳияи мазкур тибқи дастури мақомоти болоии ҲХДТ гурӯҳи тарғиботӣ аз ҳисоби занон, ҷавонон, собиқадорон ва кормандони масъули беморхонаи марказӣ, маркази саломатӣ ва Хадамоти давлатии назорати санитарию эпидемиологӣ таъсис дода, корҳои оммафаҳмониро дар мавриди пешгирии коронавирус дар ҳудуди ноҳия идома дода истодаанд.

Гурӯҳи корӣ бо усули «хона ба хона» ба 70 оилаи маҳаллаи №7-и Ҷамоати шаҳраки Фархор рафта, оид ба пешгирии бемории коронавирус варақа-таъкидҳоро дастраси



мардум намуданд.

Ҳамзамон, табибон оид ба роҳҳои пешгирии ин беморӣ тавсияҳо доданд.



***ҶАЙҲУН.*** Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун дар ҳамбастагӣ бо кормандони соҳаи тандурустӣ оид ба пешгирии сироятёбӣ ба бемории коронавирус (COVID-19) бо усули “хона ба хона” дар деҳаи Яккадини Ҷамоати деҳоти Яккадин вохӯрӣ доир карданд. Дар рафти корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби ташкилкунандагони чорабинӣ доир ба риояи гигиенаи шахсӣ, тақсимоти варақаҳои иттилоотӣ роҳандозӣ гардид.

Дар вохӯрӣ иброз шуд, ки хушбахтона, бо андешидани чораҳои саривақтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ягон ҳолати сироятёбӣ ба қайд гирифта нашудааст.

***БАЛҶУВОН.*** Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Балҷувон бо мақсади пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла бемории коронавирус ҳамарӯза миёни сокинон бо усули "хона ба хона" ва дигар тарзу усул корҳои оммафаҳмониро роҳандозӣ кардааст.

Вохӯрии навбатиро намояндагони кумитаи мазкур дар ташкилоти ибтидоии “Деҳаи Сари мазор” баргузор карда, дар он иштирокдорон ба тарзу усулҳои гуногуне, ки оид ба пешгирии бемории короновирус Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ қабул намудаанд, ҳидоят гаштанд.



Дар вохӯрӣ қайд гардид, ки саломатии ҳар инсон дар дасти худи ӯ буда, зарур аст, ки ба тозагии муҳити истиқомат, риояи гигиенаи шахсӣ диққати ҷиддӣ дода, худ ва дигаронро аз бемориҳои сироятӣ ҳифз намоем.



***ХУРОСОН.*** Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Хуросон бо аъзои ташкилоти ибтидоии “Матлубот-бозори марказӣ”-и ноҳия оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла коронавирус вохӯрӣ доир карданд.

Дар чорабинӣ қайд карда шуд, ки хушбахтона, дар ҷумҳурии мо ин бемории сироятӣ ба қайд гирифта нашудааст. Мо бояд тамоми қоидаҳои тозагиро риоя намуда, худ ва наздиконамонро на танҳо аз бемории коронавирус, балки аз дигар бемориҳои сироятӣ низ эҳтиёт намоем.

Дар охир ба сокинон варақаҳои таблиғотӣ оид ба пешгирии коронавирус дастрас карда шуд.

***Ҷ.БАЛХӢ.*** Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ва ҷалби аъзои ТҶҶ «Созандагони Ватан” дар маҳаллаҳои ҷамоатҳои ноҳия аксияи ҳизбӣ таҳти унвони «Аз бемории сироятии коронавирус эмин бошем!» бо усули “хона ба хона” баргузор гашта истодааст.

Ҳадаф аз баргузории аксия пешгирӣ аз бемори коронавирус буда, аз ҷониби ҷавонони фаъол ба аҳолӣ варақаҳои иттилоотӣ дастрас карда шуд.

Дар чорабинӣ таъкид карданд, ки ба ҳар гуна овозаҳои беасосу бардурӯғ бовар накарда, ба саломатии худ аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Тавсия дода шуд, ки ҳангоми ба-



ланд шудани ҳарорати бадан, дарди гулӯ, мушкилии нафаскашӣ ва ё дигар нишонаҳои бемории зуком ба худмуоличакунӣ машғул нашуда, ҳатман ба духтурони минтақавӣ муроҷиат намоянд.



***ДӮСТӢ.*** Ҷиҳати пешгирӣ аз бемории сироятии коронавирус кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ дар якҷоягӣ бо аъзои ТҶҶ «Созандагони Ватан» дар кӯчаҳои Фирдавсӣ ва Турсунзодаи маркази ноҳия аксияи ҳизбӣ-тарғиботӣ баргузор карда, варақаҳои иттилоотиро дастраси мардум намуданд.

Инчунин, аз ҷониби кормандони Маркази санитарию эпидемиологии ноҳия дар корхонаву муассисаҳо ва хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон барои пешгирии бемориҳои сироятӣ корҳои безараргардонӣ ва оммафаҳмонӣ бомаром идома доранд.

***ЁВОН.*** Намояндагони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон вохӯриҳоро бо сокинон тариқи “хона ба хона” доир намуда истодаанд.

Зимнан, дар вохӯриҳо масъулин оид ба риояи гигиенаи шахсӣ бо мақсади пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ, обод намудани манзилу кошонаи хеш бо мақсади таҷлили сазовори 30-солагии



Истиқлолияти давлатӣ суҳбатҳо доир менамоянд.



***ЛЕВАКАНТ.*** Бо ташаббуси аъзои фаъоли ҲХДТ ва ҷонибдорони ҳизб дар деҳаи Вахши Ҷамоати деҳоти Ваҳдати шаҳри Левакант чорабинии фарҳангию фароғатӣ доир гардид.

Дар чорабинии мазкур кормандони Кумитаи иҷроияи ҳизбӣ иштирок намуда, дар хусуси огоҳ сохтани сокинон аз хатари бемории коронавирус ва роҳҳои пешгирии он суханронӣ карданд.

Аз ҷумла, қайд гардид, ки имрӯзҳо гурӯҳҳое низ пайдо шуда, ба паҳн кардани хабарҳои беасос машғуланд. Таъкид гардид, ки мардум танҳо ба хабарҳои расмӣ бовар намоянд ва тамоми чораҳои пешгирӣ ва қоидаҳои умумии санитарию гигиениро риоя кунанд.

Инчунин, дар охир ба иштирокдорон маводҳои иттилоотӣ дастрас гардида, иҷрои ҳатмии ҳамаи нишондодҳои он таъкид карда шуд.

***БОХТАР.*** Бо мақсади пешгирӣ аз паҳншавии бемории сироятии коронавирус дар бозорҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятии шаҳри Бохтар аскияи ҳизбии “Худ ва наздиконатонро ҳимоя кунед!” доир гардид.

Дар доираи чорабинии мазкур аз ҷониби валантёрони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар 1000 адад маводҳои таблиғотӣ - иттилоотӣ, зиёда аз 500 адад ниқоб ва маводҳои антисептикӣ, ки аз ҷониби кумитаҳои иҷроияи шаҳрӣ ва вилоятии ҲХДТ харидорӣ гашта буданд, ба со-



кинон дастрас карда шуданд. Ҳамзамон, аз ҷониби валантёрон оид ба риояи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ маълумот дода шуд.



***ВОСЕЪ.*** Намояндагии ТҶҶ “Созандагони Ватан” дар ноҳияи Восеъ бо ҷавонон мулоқот доир намуд.

Мавзӯи вохӯрии мазкур пешгирии вируси нав ва риояи қоидаҳои гигиенӣ буда, ба ҳар як нафар суҳбати хоса анҷом дода шуд. Таъкид гардид, ки ҳар нафар дар навбати худ бояд аҳли хонавода ва наздикони худро аз омилҳои пешгирикунандаи беморӣ бохабар созад.

Суҳбат дар ҳоле анҷом дода шуд, ки ҷавонон ба кор ва ё сайругашт машғул буданд. Ба онҳо фаҳмонида шуд, ки бе зарурат ба ҷойҳои серодам нараванд. Тез-тез дастҳои худро бо маҳлулҳои безараргардонӣ пок созанд.

Дар охир ба иштирокдорон маводҳои таблиғотӣ оид ба пешгирии ин бемории сироятӣ дастрас карда шуд.

*«Ташкили фаъолияти самараноки хоҷагиҳои чорводориву парандапарварӣ ва таъмин намудани онҳо бо хӯрокаи хушсифат кафолати афзоиши даромади хоҷагиҳо ва таъмини саривақтии бозори истеъмолии кишвар бо гӯшту шир ва тухм ба ҳисоб меравад... ...Бо истифодаи тамоми захираву имкониятҳо бояд саршумори чорвои хушзоту сермаҳсул зиёд карда шавад».*

*Эмомалӣ Раҳмон, ноҳияи Данғара, 24.05.2019*

# БУЗПАРВАРЕ, КИ ҲАМАРО ҚОИЛ КАРД

***Бародарон Ҳотамовҳо дар деҳаи Куган Гулови Ҷамоати деҳоти Сарвати Истиқлоли ноҳияи Кӯшониён зиндагӣ мекунанд. Онҳо дар шароити хона парвариши навъҳои нодири паранда ва чорвои хушзотро ба роҳ мондаанд. Аслан фаъолияти онҳо ба самти зотпарварӣ нигаронида шудааст. Роҷеъ ба кору ҳадафи эшон бо Наимҷон Ҳотамов мусоҳибае анҷом додем.***

**– Оид ба рӯзҳои аввали фаъолиятатон каме маълумот медодед.**

– Ёд дорам, ки замони кӯдакиям падарам (Саидмурод Ҳотамов, “Ҳунарманди халқии Тоҷикистон”) дар баробари фаъолияти ҳунармандияшон ба корҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла ба парандапарварӣ, чорводорӣ, кишоварзӣ машғул мешуданд. Се-чор ҳазор мурғ, навъҳои гуногуни говҳои хушзот доштем. Ба парвариши лимӯ машғул мешуданд. Дарахти зиёди анор доштем. Падарам шахси меҳнатӣ буданд ва моро низ пайваста насиҳат мекарданд, ки меҳнатдӯст бошем. Таъкид мекарданд: «Корро ё аз тахти дил иҷро кунед, ё ин ки аз баҳраш гузаред!».

...Дар шаҳри Маскави Федератсияи Россия бо бародаронам муҳоҷири меҳнатӣ будем. Кору фаъолиятамон хуб буд. Мағозаҳои шахсӣ доштем. Бо бародари калонам Улмасҷон якҷоя пеши худ мақсад гузоштем, ки бояд дар деҳаамон коре ташкил кунем. Дар замини наздиҳавлигиамон парандапарвариро ба роҳ мондем. Кор оғоз шуд. Дар ин баробар чорводориро низ амалӣ кардем. Зотҳои беҳтарини мурғ, буз, гов ва баъзе



таҷҳизоти лозимаро аз хориҷа ворид сохтем. Ташкили ин кор барои мо хурсандибахш буд, зеро ки завқ доштем ва дар ин баробар замони хурдӣ аз падар таҷриба низ омӯхта будем.

**– Навъҳои хушзоти парандаву ҳайвоноти хонагиро чӣ гуна пайдо ва дастрас мекардед?**

– Навъҳои беҳтаринро тариқи интернет ҷустуҷӯ мекардем. Дар Русия низ дӯстҳо доштем. Бо онҳо ҳамкорӣ мекардем, маслиҳат мепурсидем. Мисол, тавассути интернет аз Русия тухми мурғҳои беҳтаринро фармоиш медодем. Мефиристоданд ва усулҳои корро тариқи видео ба мо меомӯзониданд. Боз аз Русия ва Ҳиндустон бузҳое ворид кардем, ки мисли онҳо дар Тоҷикистон умуман нест. Ҷуссаи нисбатан бузург дошта, сершир ҳастанд. Ширашонро, ки ба гуфтаи табибон барои саломатӣ хеле манфиатбахш аст, истеъмол мекунем.

**– Кадом навъи парандаҳоро парвариш мекунед? Чӣ бартарӣ доранд?**

– Айни замон беш аз ҳазор сар мурғи навъи хитой, африқой, голландӣ, белорусӣ, фаронсавӣ, испанӣ ва ғайраро парвариш мекунем. Мурғи маҳаллиамон дар як сол то 150 тухм мегузорад, мурғи болорусӣ – то 300 тухм. Байни инҳо фарқияти калон аст. Мурғи африқоие, ки мо парвариш мекунем, гӯшт ва тухмаш ба саломатӣ фоидаовар аст. Ду навъи мурғи марҷоне, ки мо нигоҳ медорем, аз 37 то 50 кило вазн мегиранд. Мурғҳои марҷони маҳаллӣ ками андар кам то ба 20 кило мерасанд.

**– Ҳадаф аз ҳамин ташаббусҳои шумо чист?**

– Ҳар нафар бояд аҳамияти ҷиддӣ диҳад, ки оё маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеъмол мекунад ё не. Ин хеле муҳим аст! Барои мисол, гӯшти парандае, ки баъзан аз хориҷа ворид мешавад, фоидаовар ё зараровар буданаш маълум нест.

...Як замон фарзандонам Ҳасану Ҳусейн бемор шуданд. Ба духтур муроҷиат кардем. Шукр, шифо ёфтанд. Аз табибон шунидам, ки шири буз барои саломатии инсон, бахусус барои солим ба воя расидани кӯдакон аҳамияти калон дорад. Кору фаъолиятам ки хуб буд, барои кӯдаконам аз Русия ду буз харида, ба хона равон кардам. Ширашро менӯшиданд.

Рӯзе ин андеша ба сарам омад: «Ман ки имконият доштам, ба фарзандонам буз харидам. Онҳое, ки дасташон кӯтоҳ аст, бояд чӣ кор кунанд?». Хулоса кардам, ки бояд шумораи бузҳоямро зиёд кунам. Аз Русия 25-30 бузи дигар харида, тариқи ҳавопаймо ба Тоҷикистон фиристодам. Дар ин кор шавқу завқам бештар шудан гирифт. Боз бузҳои навъи аз инҳо ҳам беҳтарашро ҷустуҷӯ карда овардам, ки равғаннокии ширашон хеле беҳтар аст. Аз миёни ин бузҳо яктояшро, ки аз ҳама ҷиҳат беҳтар аст, то Тоҷикистон дар иваи 50 ҳазор сомонӣ овардаам.

**– Аҷиб! Дӯстон ва атрофиён оид ба ин кору кирдори шумо чӣ назар доранд?**

– Дӯстонам мегуфтанд, ки “Ту девонаӣ! Нахоҷ як бузро 50 ҳазор сомонӣ харидорӣ кунӣ?! Ин маблағро ҷойи дигар сарф мекардӣ... Мошини хубтар мехаридӣ”.

Лекин онҳо ин паҳлӯи масъаларо фикр намекунанд, ки ин бузи қимат аз 4 то 7 литр шир ва то 150 килло гӯшт медиҳад.

**– Аз ин кору касбатон чӣ нафъ бардоштед?**

– Аввалан, хеле хушнудам, ки дар доираи як намоиши чорвои хушзот дар ноҳияи Данғара Сардори давлат бо мо вохӯрӣ ва суҳбат карданд. Ҷанобӣ Олӣ



муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон атрофи ташкили фаъолиятамон суолҳо дода, ба мо аҳсан гуфтанд. Таъкид карданд, ки бояд молу маҳсулоти барои халқу давлати худ муҳиму манфиатборро аз хориҷа ворид кунем. Пас аз он мулоқот дар ҷодаи интихобкардаам боз ҳам устувортар қадам гузоштам.

Дар ин баробар хурсандам, ки мардуми маҳаллаамон аз тухм, шир ва дигар маҳсулоти ширӣ, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза ҳастанд, истифода мекунанд. Бисёриҳо аз назди мо ноумед намераванд, ки ин худ як кори савоб аст.

...Шаш бародарем. Тифоқ корамонро пеш мебарем. Аз ташаббуси худ хурсандем. Миёни мардум обрӯ пайдо кардем. Бисёриҳо моро шинохтанд. Вақтамонро зоеъ намекунем, саргарми меҳнат ҳастем.

**– Таҷрибаи шумо ба рӯҳияи мардуми маҳал то чӣ андоза таъсир гузоштааст?**

– Имрӯзҳо муносибати сокинони деҳаи мо, деҳаҳои атроф ба хушзоткунии чорво ва паранда дигар шудааст. Аксарият навъҳои хуби чорвои калони шохдор ва парандаҳоеро парвариш мекунанд, ки манфиати бештар меоранд. Ҳоло дар гирду атроф ҳама чорвои хушзот доранд ва мо хурсандем, ки ташаббускори ин иқдом ҳастем.

Ба андешаи ман, ҳар кадоми мо бояд кореро анҷом бидиҳем, ки ба манфиати умум аст. Ба мардум дурӯғ гуфтан лозим нест. ...Ҳар кореро, ки аз сидқи дил анҷом медодай, Худованд муваффақат мегардонидааст.

**– Талабот ба маҳсулоти шумо чӣ гуна аст?**

– Маҳсулоте, ки мо истеҳсол мекунем, талабгори зиёд доранд. Ҳатто то ба бозор намерасанд. Дар ҳамин гирду атроф харидорияшон мекунанд. Мо наметавонем тамоми мардуми Тоҷикистонро бо маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин кунем, аммо метавонем, ки ба мардуми як гӯшаи диёрамон хизмат расонем ва ҳамзамон, чанд касро бо ҷойи кор таъмин кунем.

**– Чӣ мушкилот доред?**

– Мо дар замини иҷора ба чорводорию кишти зироатҳои хӯроки чорво машғулем. Агар замини хоҷагии худро медоштем, ин боиси рушди корамон мешуд. Барои ривоҷ додани чорводориву парандапарварӣ ва кишоварзӣ ба маблағи иловагӣ эҳтиёҷ дорем. Мо замина ва таҷриба дорем, усулҳои рушди фаъолиятро хуб омӯхтаем. Баъзе нафарон имкониятҳои молиявӣ доранд, аммо таҷриба ва завқ надоранд. Роҳбари ғамхори давлат ҳам зимни вохӯрияшон таъкид карда буданд, ки соҳибкорони мисли мо дастгирӣ ёбанд...



*Мусоҳиб Маҳмадалӣ Акрамов, «Ҳамрози халқ»*

ДАР МАВЗӮИ РӮЗ

# ҶАМЪОВАРИИ ПИЁЗ ШУРӮЪ ШУД, АММО НАРХ АРЗОН НАШУД. ЧАРО?

***Деҳқонони вилоят ба ҷамъоварии ҳосили пиёз огоз карда, то имрӯз зиёда аз 70 тоннаро ба бозор бароварданд. Вале нархи ин маҳсулоти гизоии серистеъмол ҳамоно бетағйир монда, савдогарон як килои онро аз 4,5 то 5 сомонӣ фурӯхта истодаанд.***

**Харидорон: савдогарон гунаҳ-коранд!**

Дар пасманзари коронавируси ҳамагир арзиши маҳсулоти аввалия, аз ҷумла картошкаю пиёз дар бозорҳои вилоят боло рафт, ки ин боиси ташвиши аҳолӣ гардидааст.

Муҳаммад, сокини ноҳияи Кӯшониён, зимни суҳбат гуфт, ки барои оилаашон аз бозори "Ҳоҷӣ Шариф"15 кило пиёзро 4 сомониву 50-дирамӣ харидорӣ кардааст. Ӯ бо гила аз беларвоии савдогарон илова кард, ки ба хотири эмин мондан аз сирояти каронавирус ҳоло ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта наметавонад ва ҳар рӯз дар хонаҳои мардум ба ивази маблағи ночиз кор карда, зиндагии панҷ узви оиларо пеш мебарад. "Хуб мешуд, агар масъулони дахлдор дар поён овардани нархи орд, пиёзу картошка ва дигар маҳсулоти муҳимтарин мусоидат мекарданд", — хоҳиш кард ин сокин.

Харидори дигар, ки худро Ситора муаррифӣ кард, гуфт, солҳои пеш як кило пиёзро 1-1,5 сомонӣ мехариданд.

Дар тақвияти ин андешаҳо истиқоматкунандаи ноҳияи Вахш Раҷабмоҳ зикр кард, ки қаблан пиёзро бо халта мехарид, зеро нархи гарон надошт. "Ҳоло ҳамагӣ чанд кило мегирам, ки барои оилаи мо басанда нест", — илова кард ӯ.

**Савдогарон: айби деҳқон аст!**

Фурӯшандаҳои бозорҳо боловарии нархро ба деҳқонон рабт медиҳанд.

"Мо пиёзро аз деҳқон бо нархи баланд мегирем. Онро аз ноҳияҳо то ба бозор интиқол медиҳем ва боз хароҷотҳои дигар аст. Ҳамаи инро ҷамъ карда, нархи онро муайян мекунем... Мо нархро дар сурате поин фаровварда метавонем, ки агар деҳқон маҳсулоташро ба мо арзон бифурӯшад", — гуфт Карим, соҳибкори бозори "Фаровон".

Дар дигар бозорҳои вилоят низ савдогарон бо ҳамин гуна баҳонаҳо худро "мӯсичаи бегуноҳ" вонамуд карданӣ мешуданд.

**А. Темур, Ф. Юсуфзода: пиёз арзон мешавад!**

Дар ҳамин ҳол, раиси ноҳияи Панҷ Шоҳиён Зарифхӯҷа зимни як тамоси телефонӣ иттилоъ дод, ки кишоварзони ноҳия имсол дар майдони 370 гектар пиёз кишт карда, то имрӯз 70 тоннаи ғундоштаашонро чандон қимат не, бо арзиши ҳамагӣ 2,5 сомонӣ ба бозорҳои вилоят бароварданд.

Масъулони Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон ҳам гуфтанд, ки феълан дар ҳудуди вилоят дар майдони 10 ҳазору 400 гектар пиёз кошта шудааст, ки ин нисбат ба соли гузашта 1 ҳазору 317 гектар бештар аст. Дар назар аст, ки аз ин майдон дар маҷмӯъ 243 ҳазору 165 тонна пиёз ҷамоварӣ карда шавад.

Амирбеки Темур, сардори ниҳоди болозикр, сабаби асосии баланд шудани нархи пиёз, сирпиёз, лимӯ ва дигар маҳсулоти серхаридорро ба воҳимаҳои ноҷо дар атрофи коронавирус алоқаманд кард. "Баъзе ҳаннотон аз ин фурсат истифода бурда, нархи маҳсулотро баланд бардоштанд", — гуфт ӯ.

Ба бовари ин масъул, ҳоло пиёзи барвақтӣ ва сирпиёз пухта расидааст ва баъзе кишоварзон онро ҷамъоварӣ карда, бо арзиши 2-2,5 сомонӣ ба бозорҳо бароварда истодаанд. "Рӯзҳои наздик ҷамъоварии пурраи маҳсулоти кишоварзӣ оғоз мегардад, ки онгоҳ аз ҳисоби фаровонии маҳсулот нарх ҳам поин мефарояд", — моро итминон дод А. Темур.

Сардори Раёсати кишоварзии калонтарин ноҳияи пиёзкори ҷумҳурӣ — Ҷайҳун Пирназар Пиров гуфт, ки кишоварзони ноҳия имсол дар майдони 3 ҳазору 721 гектар кишти ин маҳсулотро гузарониданд, ки ин нисбат ба соли гузашта 1 ҳазору 25 гектар зиёд буда, тибқи дурнамо аз майдони умумӣ 141 ҳазор тонна ҳосил ҷамоварӣ хоҳад шуд.

Фирӯз Юсуфзода, сардори Раёсати Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, тасдиқ кард, ки тибқи маниторинги гузарондаи онҳо дар 11 шаҳру ноҳияи вилоят як кило пиёз 4-4,5 сомонӣ арзиш дорад. Ва ӯ ҳам таъкид кард, ки дар пайи фаровон шудани ҳосил, новобаста аз хоҳиши савдогарону ҳаннотон, нархи пиёз албатта поин мефарояд.

**Супориши қатъии Раиси муаззами ҲХДТ**

Чуноне аз шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон хабар доданд, рӯзи 9-уми апрел ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода, инчунин, раисони ми давлат, раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ, Ҷайҳун ва Панҷ аз рафти кишт ва ҷамъоварии зироатҳои кишоварзӣ дидан карда, масъулонро таъкид кард, ки тибқи дастури Сардори давлат бояд 60 дарсади заминҳои кишти такрорӣ аз ғалладона, лӯбиёӣ ва ҷувории дон иборат бошад. Маслиҳат дода шуд, ки ба хотири фаровонии бозорҳои дохилии мамлакат ва танзим шудани нархи маҳсулоти ғизоӣ дар заминҳои наздиҳавлигии



ноҳияҳои Ҷалолидини Балхӣ, Вахш, Панҷ, Фархор ва Хуросон телефонӣ ҳисобот доданд. Сарвари давлат дар баробари ироаи дигар дастурҳо, ҳамзамон, раиси вилоят ва роҳбарони ноҳияҳои болозикрро вазифадор карданд, ки ба вусъати киштү кори баҳорӣ, истифодаи самараноки замин ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ таваҷҷуҳи амиқ зоҳир кунанд. Бо назардошти вазъи кунунии ҷомеаи ҷаҳонӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳияҳо супориш доданд, ки нақшаи ҷумҳуриявии кишти зироатҳо, бахусус, майдони кишти картошкаро 40 дарсад ва майдони кишти такрории зироатҳоро аз ҳисоби ғалладона, лӯбиёҳо ва ҷувории дон то 60 фисад зиёд намоянд.

Зимнан, бо мақсади дар маҳал иҷро кардани дастуру супоришҳои Роҳбари муаззаммуассисаю корхонаю иншоотҳои дигар донағӣ ё дигар маҳсулоти озуқа, ҳадди ақал гашнизу шибит коранд, то ин ки кормандон истифода баранд.

**Тадбири муассир мебояд!**

Воқеан, мақсад аз ташкили сардхонаҳо захира кардани маҳсулоти кишоварзӣ барои муддати тӯлонӣ ва бад-ин восита мутавозин нигоҳ доштани арзиши онҳост. Агар чунин аст, пас, масъулинро мебояд, ки дар ин самт бо хоҷагидорону соҳибкорон корҳои ташвиқотию тарғиботиро беҳтар ба роҳ монда, ба масал, "Фикри зимистонро дар тобистон кунанд". Дар ин сурат бо вуҷуди воҳимаҳо дар мисоли коронавирус шояд нархи маҳсулоти ниёзи аввалияро дар бозорҳо муътадил нигоҳ дошта тавонем.

*Д. РАҲМОНАЛӢ,*
*"Ҳамрози халқ"*

БАХШИДА БА "СОЛҲОИ РУШДИ ДЕҲОТ, САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ"

# ЭҲЁГАРИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

***Онҳо дар оила даҳ нафаранд. Чор писару панҷ духтар. Қаҳрамони нигоштаҳои мақола гарчанде Кенҷамоҳ ном дошта бошад ҳам, духтари панҷум не, духтари чорум аст. Ҳамаи панҷ нафар хоҳарон чеваронй гулдаст, офарандагони ҳунарҳои мардумӣ мебошанд. Кенҷамоҳ аз хоҳару апаҳои худ ба он фарқ мекунад, ки ӯ на як ҳиссаи вақт, балки ҳамаи ҳастии худро ба шуғли писандидааш, ба офариниши нақшу нигори миллӣ бахшидааст.***

Ӯ аниқ гуфта натавонист, ки меҳри дӯхтани нақшу нигор дар дилаш аз кай пайдо гардидааст. Дар синни 12-солагӣ аллакай дар пайравӣ ба модар аз уҳдаи бофтани шероз, ҷӯроб, камзулчахои кӯдакона, нақшу нигори миллӣ ба хубӣ мебаромад. Ин табиист, ки модар барои духтар дар аз худ кардани ҳунар устод маҳсуб меёбад. Апаи Давлатмоҳ – модари Кенҷамоҳ, ки имрӯз умри пурбаракати 71-солагиро паси сар мекунаду бе айнак ба сӯзан ришта гузаронида, ба чакандӯзӣ машғул аст, хуб медонист, ки ҳунар, алалхусус, ҳунари чакандӯзӣ барои духтар хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, ӯ барои ҳунарманд гардидани духтаронаш, аз ҷумла Кенҷамо тамоми донишу таҷрибаи андӯхтаи худро истифода бурд, то ин ки онҳо дар оянда таъну маломат нашунаванд.

Ҳунари Кенҷамоҳ рӯз то рӯз сайқал меёфт ва номгӯйи маҳсули дастони муъҷизаофараш зиёд мегардид.

Имрӯз Кенҷамоҳ ҳунари аз модар омӯхтаашро ба духтарони худ Ширинмоҳ, Фотимаю Зуҳро, набераи хурдакакаш Оишамоҳ ва шогирдонаш меомӯзонад. Духтарони ӯ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1-и ноҳия бо ҳунармандӣ аз дигарон ба куллӣ фарқ мекунанд. Модар ба ҳунари дасти духтаронаш назар андохта, лаҳзаҳои ҷавонии худро ба ёд меорад. Ба ёд меорад, ки чӣ тавр ҳунараш ба ӯ обрӯ овард. Ӯро ба ҳама шиносонд. Харидорони маҳсули дастонашро пайдо кард.

Дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла ноҳияи Ховалинг омода кардани чодари арӯсӣ, миёнбанд, рӯймол ва тоқии чакан барои домод, ки бо дастони худи арӯсшаванда дӯхта мешуд, нишоне аз балоғати духтарон буда, аз камолоти онҳо ба зиндагии мустақилона дарак медод. Боиси қаноатмандист, ки ин анъанаи гузаштагон дар ноҳияи Ховалинг бо заҳмати Кенҷамоҳ барин ҳунармандон боз аз нав эҳё ва макбули ҳамагон гардида истодааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандии саршор аз ташаббусҳои бонувони чирадаст иброз доштаанд, ки дар даврони Истиқлолияти давлатии мамлакат муносибат ба арзишҳои фарҳангӣ, ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла чакандӯзӣ, офаридани нақшу нигор дар матоъ ба таври бесобиқа дигар шуд, рушд кард.

– Як падидаи дигар боиси дастгирии ҳамагон аст, – гуфт ӯ. – Баъди шомили фехристи мероси ғайримоддии фарҳангии ЮНЕСКО гардидани чакан ва эълон гардидани солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" дид ва муносибати мардумамон ба либосҳои чакан ба куллӣ тағйир ёфт. Имрӯз духтарони ховалингӣ ба ҷойи фатта дар тӯйи арӯсию домодӣ, дар сайру гашт, дар кӯчаю хиёбонҳо куртаи чакан, рӯймоли чакан ва болопӯши чакан ба бар мекунанд. Ҳоло ки баҳор мебошад, айёми пӯшидани чакан аст.

Вақте ки кас чизе меофарад ва ё истеҳсол мекунад, меҳоҳад онро фурӯшад ва ба васила касби худ даромаде ба даст биорад. Мутаассифона, ноҳияи Ховалинг дар муқоиса ба дигар шаҳру ноҳияҳо дар ин масъала маҳдудиятҳои худро дорад. Вале Кенҷамоҳ аз ин руҳафтода нест. Ӯ боварӣ дорад, ки ҳунари асил ҳамавақт харидори худро пайдо мекунад. Имрӯз харидорони чакан, ки шуҳрати ҷаҳонӣ касб кардааст, хеле зиёданд.

"На танҳо ба мардон, балки ба занон ҳам чил ҳунар кам аст", – мегӯяд Кенҷамоҳ. Ӯ бо ҳунари аз модар омӯхтааш қаноат накарда, аз пайи омӯзиши касбу ҳунарҳои дигар гардид. Баъди омӯзиши курси колинбофӣ ва дӯзандагӣ ин ду ҳунарро бо тамоми нозукиҳояш азбар кард.

Барои таъсиси мактаби ҳунарии худ ба маркази шуғли аҳолии ноҳия муроҷиат намуд. Пешниҳоди ӯро хуш пазируфтанд. Моҳи декабри соли 2019 нияти хайраш ҷомаи амал пӯшид. Мактаби ҳунарии худро дар манзилаш ташкил кард. Ҳоло дар ин макони ҳунаромӯзӣ 20 зану духтар

танд. Дар давоми ду моҳи омӯзиш онҳо соҳибкасб гардиданд. Ҳоло ҳар яки онҳо худ мустақилона аз уҳдаи дӯхтани чакан дар матоъ ба хубӣ мебароянд", – қисса кард ӯ.

– Ҳама кори ҷаҳон пайваста дар такомул аст. Ва ҳарчанд чакандӯзии миллии мо санъати ниҳоят олист, имрӯз бо тақозои олами муосир диди нав меҳоҳад, – иброз дошт ин бонуи панҷ панҷааш ҳунар. – Бо ин мақсад моро зарур аст, ки ҳунарҳои



ҳафтае панҷ рӯз аз ин зани чирадаст бофтани шероз, ҷӯроб, болопӯш, тоқии занонаю мардона, кӯдакона, куртаи чакан, чодар, болопӯши болишт, бардеворӣ, пардаи тиреза, қаламарезгӣ (куроқдӯзӣ) ва бисёр дигар номгӯйи ҳунарҳои мардумиро аз худ менамоянд.

"Баъзе аз духтароне, ки мо ба ҳунаромӯзӣ ҷалб кардаем, рӯзҳои аввали омӯзиш аз сӯзан гузаронидани риштаро хуб наметавонистанд. Иддаи дигарашон дар бораи дӯхтани чакан, тоқӣ, бофтани ҷӯроб ва ҳоказо ҳатто тасаввурот надош-

фаромӯшшудаи халқамонро дар нақшу нигори миллӣ аз нав эҳё созем, онҳоро бо тахаюлоти рангину эҷоди тоза умри ҷовидонӣ бахшем.

Ӯ маънии ҳаётро дар ҳунари волои мардумӣ ёфта, дуогӯйи ин аст, ки фазои созгори эҷод ва сулҳу осоиш дар ҳама кунҷу канори дунё поянда бошад.

*Саидҷалол САТТОРОВ,*
*мудири шуъбаи таблигот, иттилоот ва матбуоти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ховалинг*

# ММТ: ДОХИЛ ШУДАН ХОҲӢ, ДОНИШ АНДӮЗ!

***Дар Тоҷикистон шурӯъ аз моҳи апрел ташвиши хатмкунандагони мактиби миёнаи умумӣ барои ҳуҷҷат супоридан ба Маркази миллии тестӣ (минбаъд ММТ) зиёд мешавад. Бархе аз довталабон дар омода кардани ҳуҷҷатҳо ва интихоби ихтисоси мувофиқ ба донишу лаёқаташон ба иштибоҳ роҳ медиҳанд, ки ин боиси роҳ наёфтан ба муассисаҳои миёна ва олии касбии кишвар мегардад.***

***Омилҳои ин саҳву хатоҳоро мутахассисону масъулони ММТ мухталиф арзёбӣ мекунанд. Барои фаҳмидани онҳо ва ҳамзамон, роҳнамоии дурусти довталабон мухбирамон Амонҷон Муҳиддинов бо Раҳмон Халилов, сардори бахши минтақавии ММТ-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар мусоҳибаи ихтисосӣ анҷом дод, ки инак, фишурдаи он.***

**– Мухтарам Раҳмон Халилов, қабл аз ҳама, оид ба рафти ҳуҷҷатсупории довталабон ба ММТ равшанӣ меандохтед.**

– Бояд зикр кард, ки ҳар сол шурӯъ аз якуми апрел қабули ҳуҷҷатҳо ба ММТ оғоз гардида, то 15-уми ҳамин моҳ идома меёбад. Хоҳишмандон бояд дар мӯҳлати муайяншуда ҳуҷҷатҳои лозимаро ба марказҳои бақайдгирӣ пешниҳод созанд. Феълан алокамандони дохилшавӣ нисбат ба солҳои гузашта бамаротиб зиёд шудаанд ва ҳам корҳои ҳуҷҷатсупорӣ хуб ҷараён дорад.

**– Он ҳуҷҷатҳои зарурӣ кадомҳоянд ва аз куҷо бояд дастрас карда шаванд?**

– Солҳои аввали фаъолияти ММТ барои довталабон нофаҳмиҳо хеле зиёд буд, ҳарчанд ки аз тарафи мутахассисони марказ дар муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳӣ омӯзишҳо гузаронида мешуданд. Дар асл ба нуқтаи бақайдгирӣ довталаб танҳо бо як қоғаз меояд. Қоғазе, ки дар он ихтисосҳо худро интихоб кардааст. Сипас, дар марказ аз рӯйи интихоби ихтисосҳо доир ба дилхоҳ довталаб ҳуҷҷат тартиб дода мешавад. Он ҳуҷҷатҳо, ки чандон зиёд нестанд, инҳоянд: шиноснома, маълумотнома аз муассисаи таълимӣ ва расиди бонк.

Нуқтаи муҳим ин аст, ки ҳаҷми пул барои супоридани ҳуҷҷат ба ММТ мухталиф аст. Яъне тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои хонандагони синфи 11-ум 210 сомонӣ ва барои синфи 9-ум 160 сомонӣ муайян шудааст. Барои шахсони имкониятҳошон маҳдуд ва ятимон имтиёз муқаррар гардидааст. Манзурам, дар асоси ҳуҷҷати тасдиккунанда ҳаҷми маблағашон кам карда мешавад.

**– Оё ҳамаи ҳуҷҷат-супорандагон мавзеи ҷойгиршавии марказҳои бақайдгириро медонанд? Барои сокинони русто омадан аз як минтақаи дур ба маркази вилоят мушкил нест?**

–Дар ҳудуди вилояти Хатлон 14 маркази бақайдгирӣ мавҷуд аст. Илова бар ин, аз тарафи ММТ-и шаҳри Бохтар дар ҳамаи шаҳру навоҳии дурдаст нуқтаҳои бақайдгирии сайёри муваққатӣ ташкил карда шудааст, ки хонандагон дар шаҳру ноҳияи худ имкон доранд, ба қайд гирифта шаванд. Ҳангоми омода кардани ҳуҷҷатҳо омӯзгорон нуқтаи бақайдгириро ба шогирдон мефаҳмонанд ё бо худ ба марказ меоранд. Дар ин самт мушкиле нест.

**– Мушкилоти довталабон ҳангоми супоридани ҳуҷҷатҳо асосан кадомҳоянд?**

– Мушкилоти асосӣ ҳозир шудани аксари довталабон бидуни тайёрӣ, яъне ихтисосҳои хешро интихоб накарда, вориди нуқтаи бақайдгирӣ шудан аст, ки дар ин ҳолат ҳам ба худ ва ҳам ба кормандони марказ мушкилии зиёд эҷод мекунанд. Чунин мушкилот солҳои аввали фаъолияти мо хеле зиёд буданд, аммо, хушбахтона, ҳоло коҳиш ёфтаанд.

**– Барои бартараф кардани мушкилоти боқимонда чӣ бояд кард? Кӣ бояд бобати ҳалли онҳо расидагӣ кунад: омӯзгор, волидайн ё мутахассисони ММТ?**

– ММТ моҳҳои сентябр-октябр дар ҳаҷми 8 соат дар тамоми муассисаҳои таълимии вилоят миёни хонандагону омӯзгорон ва падару модарон дарсҳои ташвиқотию тарғиботӣ мегузаронад. Дар рӯзу соати муайяншуда тамоми паҳлуҳои нозуки дохилшавӣ аз ҷониби мутахассисон фаҳмонида мешавад. Тарзи дуруст пур кардани саволҳои тестӣ, интихоби ихтисосҳо ба дигар дар ҷояш омӯзонида мешавад. Ба ҳар як довталаб китобу варақаҳои иттилоотӣ дода мешавад, ки бояд то оғози супоридани ҳуҷҷат ба ММТ онҳоро омӯхта, омода шавад. Он хонандагоне, ки имрӯз бе тайёрӣ ба нуқтаи бақайдгирӣ меоянд, шояд давраи омӯзиширо хуб паси сар накардаанд ва ё муаллимон бо онҳо ҷиддӣ кор накардаанд.

Мушкили дигар ин аст, ки довталабон дар интихоби ихтисосҳо хеле пешпо меҳҳранд. Чунончи, ихтисосро интихоб карда, ба ройгон ё пулакӣ будани он эътибор намедиҳанд. Баъди номи пуршарафи донишҷӯро соҳиб шудан гила мекунанд, ки имкони супоридани хароҷоти таҳсилро надоранд. Аз ҷониби дигар, бояд волидайн ба ихтисоси интихобкардаи фарзандашон эътибор диҳанд. Баъдан, мебояд андеша кунанд, ки он шаҳру ноҳияе, ки ӯ интихоб кардааст, оё барои он ҷо таҳсил кардан шароити зарурии молиявӣ доранд ё не.

**– Хешу ақрабои довталабон то куҷо ба шаффофияти кори ММТ бовар доранд? Оё дар таҷрибаи шумо ягон шикоят ё норозигӣ дида шудааст?**

– Солҳои аввал бинобар ноҷӯрие, ки дар ҷараёни дохилшавӣ тавассути донишгоҳу донишкадаҳо мавҷуд буд, волидайн ба шаффофияти фаъолияти ММТ ҳам чандон бовар надоштанд. Хушбахтона, баъди мушарраф шудани фарзандонашон ба унвони донишҷӯ эътимодашон афзуд. Вале, мутаассифона, ҳанӯз ҳам бархе падару модарон ба қаллобон такя мекунанд. Яъне гумон доранд, ки агар пул диҳанд, фарзандашон бидуни савод андӯхтану тайёр шудан ба муассисаҳои олии кишвар шомил мешаванд. Вале ҳоло роҳ як аст: ММТ, ки касе ба кори он дахолат карда наметавонад.

Солҳои пеш бештари хонандагони ноҳияҳои дурдаст, ки дорои дониши аъло буданд, бо далели надоштани пул таҳсили худро дар донишгоҳҳо идома дода наметавонистанд. Бештар афроди пулдор имкони дохил шуданро доштанд. Аммо ММТ имкон фароҳам сохт, ки ҳар нафари соҳибхирад бидуни додани ришва донишҷӯ шавад.

Дар мавриди шикоятҳо гуфтаниям, ки аз ҷониби довталабони алоҳидаи ба гузариш роҳнаёфта ва ё аз имтиҳон нагузашта аз болои мо ба мақомоти болоӣ шикоят бурда шуда буд, вале санҷишҳо собит сохт, ки худи он довталабон ҳангоми интихоби ихтисосҳо ба иштибоҳ роҳ додаанд.

**– Имтиҳонҳои тестӣ чӣ тавр ҷараён мегиранд?**

– Нахуст, моҳи май ба ҳар як довталаб даъватнома дода мешавад, ки дар он таърихи рӯз ва ҷойи баргузории имтиҳон дарҷ гардидааст. Довталаб бояд бо худ даъватнома, шиноснома ва ду адад ручкаи рангаш сиёҳ дошта бошад. Дар асоси шиноснома ҳар як довталаб вориди синфхонаи имтиҳонсупорӣ мегардад. Имтиҳонгирандагон муддати 20 дақиқа тарзи супоридани имтиҳонро ба онҳо мефаҳмонанд. Ба ҳар як довталаб китобҳои тестӣ дода мешавад. Баъди 3 соат дар сомонаи ММТ натиҷаи корашон нашр карда мешавад ва ҳамзамон, ба тариқи ирсоли паёмак ба онҳо хабар дода мешавад.

Мавриди зикр аст ,ки имсол дар низоми ММТ тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки аз ин ҳисоб имтиҳонсупории довталабон осон шуд. Манзурам, ҳар сол ду рӯз имтиҳон мешуд, компаненти “А” ва компаненти “Б” буд. Вале имсол имтиҳон ҳамагӣ як рӯз тӯл мекашад.

**– Иштироки волидайнро дар воҳӯриҳо чӣ баҳо дода метавонед?**

– Дар баъзе аз ноҳияҳо иштироки онҳо хеле хуб аст. Оид бо талаботҳои ММТ бо кормандон суолу ҷавоб анҷом медиҳанд. Аз ҳаҷми пул пурсон мешаванд, ки чӣ миқдор аст. Лекин минтақаҳое ҳастанд, ки мардумашон таваҷҷуҳ надоранд. Камтаваҷҷуҳии онҳо боиси рӯҳафтодагии фарзандон мегардад.

**– Оё довталаб ҳуқуқ дорад, ки ихтисосҳои интихобкардаашро тағйир диҳад?**

– Албатта, ҳуқуқ дорад, вале дар муддати 15 рӯзи қабули ҳуҷҷатҳо. Зимнан, ба довталабон тавсия дода мешавад, ки дар интихоби ихтисос ҷиддӣ бошанд. Сари ин масъала бо падару модарони худ машварат кунанд ва баъдан ихтисос ё шаҳру ноҳияеро интихоб намоянд.

**– Ба довталабоне, ки ба донишгоҳ роҳ намеёбанд, чӣ тавсия медиҳед?**

– Он довталабоне, ки дар даври аввал ноком шудаанд, ҳанӯз имконияро пурра аз даст надодаанд. Онҳо фурсат доранд, ки дар даври дуюми тақсимоти ихтисосҳо, ки аз 24 то 27-уми август идома хоҳад кард, ширкат карда, сазовори номи донишҷӯ шаванд. Он нафароне, ки ба тақсимот роҳ намеёбанд, бояд рӯҳафтода нашаванд. Зеро имкон доранд, ки соли оянда ҳуҷҷатҳои худро пешниҳод кунанд. Тибқи таҳлилҳои чандсолаи мо, яке аз омилҳои асосии нагузаштани онҳо надоштани дониши кофӣ мебошад. Онҳоро мебояд, ки давоми як соли дигар ба худтакмилдиҳӣ машғул шаванд.

**– Аз шумо барои суҳбати ошкоро ва маслиҳатҳои муфид сипосгузорем!**

***PS: бояд иттилоъ дод, ки довталабони синнашон аз 30 боло наметавонанд ба таҳсилоти рӯзона ҳуҷҷат супоранд.***

**Идомаи мавзӯъ дар шумораҳои оянда.**




Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ – 2020
ИМД - 2020
ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ ДОВТАЛАБ
Рақами назоратӣ

| Пардохти маблағ | | | |
|---|---|---|---|
| миқдор | силсила ва рақами расид | санаи пардохт | |
| | | | |

| Маълумоти шахсӣ | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Номи пурра | | | | |
| Санаи таваллуд | | Ҷинс | | Миллат |
| Шиноснома | рақам | санаи додан | анҷоми эътибор | мақоми шиносномадиҳанда |

| Маълумот барои алоқа | | | |
|---|---|---|---|
| Ҷойи истиқомат (тибқи шиноснома) | | | |
| Мамлакат (кишвар) | Тоҷикистон | Ноҳия/шаҳр | |
| Телефони мобилӣ | | Телефони хона | |
| Почтаи электронӣ (e-Mail) | | | |

| Маълумот дар бораи таҳсилот | | | |
|---|---|---|---|
| Муассисаи таълимӣ (мактаб) | | | |
| Макони муассисаи таълимӣ | | Забони таҳсил | тоҷикӣ |
| Аттестат (диплом/гувоҳнома) | | Соли хатм | 2019 |

| Дастовард(ҳо) | Имтиёз(ҳо) | | | | | Маъюбӣ ☐ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ☐ | Хизмати ҳарбӣ ☐ | Нимятим ☐ | Ятими кул ☐ | Бепарастор ☐ | Имтиёзи дигар ☐ | |

Ихтисосҳои интихобкарда
Гурӯҳи ихтисосҳо: 1-ум - "Табиӣ ва техникӣ"

| № | Ихтисос (рамз ва ном) | Муассисаи таълимӣ (ном ва макони ҷойгиршавӣ) | Шакли таҳсил | Намуди таҳсил | Забони таҳсил |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |
| 6. | | | | | |
| 7. | | | | | |
| 8. | | | | | |
| 9. | | | | | |
| 10. | | | | | |
| 11. | | | | | |
| 12. | | | | | |

| Имтиҳонҳо | | | |
|---|---|---|---|
| Қисми А (*дар заминаи синфи 11*) | | | |
| Забони имтиҳонсупорӣ | | Макони имтиҳонсупорӣ | |
| Забони хориҷии интихобгардида | | Макони фиристодани даъватнома | |

хатти буриш

| Рамзи муваққатии кабинети инфиродӣ (cabinet.ntc.tj) | |
|---|---|
| | |

# ДОНИСТАН ХУБ АСТ!

1. Худи ҳозир шумо дар фазои кайҳон бо суръати 220 000 ҳазор км дар як сония парвоз доред.
2. Гавҳараки чашми одам аз рӯзи таваллуд то вафот ҳаҷмашро дигар намекунад.
3. Дар давоми 16 сония хун дар вуҷуди шумо як маротиба давр мезанад.
4. Як вақтҳо кирмрӯдаи одам ҳам кор мекард. Ҳоло бошад, агар ба дохилаш хӯрок дароянд, чаррохӣ мекунанд.
5. Калимаи "сифр" аз забони арабӣ буда, маънояш рақам аст.
6. Фил ягона ҳайвонест, ки чор зону дорад.
7. Ҳафт чашми тортанак ҳафт хел рангро мебинад.
8. Як соли сайёраи Замин 365 рӯз мебошад. Як соли Марс - 450 рӯз.
9. Агар дар Замин 28 шабонарӯз гузарад, дар Моҳ як шабонарӯз мегузарад.
10. Таркиби моддии мағзи сари инсон хеле сода аст: як литр об, 160 грамм равған, 110 грамм протеин, 15 грамм намак ва 10 грамм шакар.
11. Мағзи сари одам дар вақти хоб чузъиёти оиндаро дарк мекунад.
12. Мӯйҳо моддаҳои кристалии зиёдатии организманд. Растании пиёзбех ҳам ҳастанд.
13. Агар шумо 75 кг вазн доред, дар сайёраи Плутон ҳамагӣ 5 кг мебароед
14. 80 фоизи организми мӯрчаҳо шиша аст.
15. Як каноти пашша вируси захрноке дорад, ки позахри он фақат дар каноти дигараш мавҷуд аст. Дар ин бора ҳатто ҳадиси паёмбари ислом ҳам вуҷуд дорад
16. Як фасли тобистони сайёраи Нептун баробари 40 соли сайёраи Замин аст.
17. Дар киштии зериобӣ имкони радио гӯш кардан вуҷуд надорад, аммо дар Моҳ имкони гӯш кардан ҳаст.
18. Юпитер он қадар бузург аст, ки ҳамаи сайёраҳо



дар дохилаш мегунчанд.
19. Кӯршапарак чашм надорад, аммо ҳамеша шабона парвоз мекунад. Гӯшҳояш қобилияти ламси ҳаворо дорад.
20. Моҳиён ба хотири бехатариашон пурра намехобанд. Нисфи вуҷудашон мехобад, дар ҳоле, ки як чашмашон боз аст ва навбати дигар нисфи дигараш мехобад.
21. Рақамҳое, ки дар ҳисоб истифода мебарем, арабиянд.
22. Шакли мағзи чормағз ба шакли қишрҳои мағзи сари инсон хеле шабоҳат дорад. Беҳтарин ғизо ҳам барои тақвияти моддии мағзи сар чормағз аст.
23. Матни бо ҳуруфи форсӣ навиштаро хонем, маъноящро беҳтар мефаҳмем, зеро зеҳн намондаву фикр накарда хонда намешавад.
24. Абӯалӣ Сино гуфта буд, ки агар гарду чанг набошад, одам сад сол умр мебинад.
25. Аввалин сухане, ки тарихи радио садо дод, "Ало!" буд.
26. Хук ягона ҳайвонест, ки сарашро бардошта, ба осмон нигоҳ карда наметавонад.
27. Агар дар назди модархаргӯш ҳангоми таваллуд карданаш об нагузоред, аз ташнагӣ фарзандонашро мехӯрад.
28. Кӯдакон кори манъкардаатонро бештар иҷро мекунанд.
29. Аксари олимон нодиртарин кашфиётҳошонро дар хобашон дидаанд.

***Манбаъ: шабакаҳои интернетӣ***

# СКАНВОРД

Па-дар-вор | Таом аз гӯшти мурғ | Санҷиши дониш



Ченаки ҳарорат | Рӯзи пеш аз ид | «...у хироҷ» - ҳафтаномаи Кумитаи андоз | Боигарӣ, дороӣ | Замон | Ноумед

Дарвозабони футболи Шӯравӣ Лев ...

Шахси ба спорт машғул | Нотавонӣ, сустӣ | Кайфу сафо | Унвони дворянӣ дар Аврупо | Ғизои сафеди моеъ

Синоними «қадам»

Пули Корея | Рашкин | Яке аз шаҳрҳои асосии Туркия | Гиёҳи сабз | Восита барои убури дарё

... Капур, ситораи кинои ҳиндӣ | Андом | Чои саругашт

Гиря, нола | Вазъгӯянда | Шодӣ, хурсандӣ | Узви қафои ҳайвоноти мӯҳрадор | Пургудоз | Агентии телеграфии СССР

Халтаи селофанӣ | Бозии «расмро ҷамъ кун» | Қаҳрамони филми "Бандии Қафқоз" | Муқобили «бад» | Ҳафтаномаи Русия дар Тоҷикистон



Олиҳаи таърих дар Юнони Қадим | Гург ... мекашад

Мағрурӣ | Оқил, доно, тезфаҳм | Ҳиссиёти бади ошиқон | Шаҳр бо Тоҷмаҳал | Шоҳи Шекспир | Номи яке аз дӯстони Маугли

Асбоби скрипкамонанд

Сокини таҳҷоии Истамбул | Либоси ғафси тирамоҳӣ (русӣ) | Нидои сарбозони рус | Духтури ҳалқу гӯшу бинӣ

Тахт | Чои ба баҳр пайвастани дарё

ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

Муассис:
Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

Сармуҳаррир:
Маҳмадалӣ АКРАМОВ

Ҳайати мушовара:
Қурбон ҲАКИМЗОДА,
Фирӯза ШАРИФӢ,
Ғазалшо САФАРЗОДА,
Қиёмиддин МИРАЛИЁН

Ҳайати таҳририя:
Зебо БОЗОРОВА,
Умеда АКРАМЗОДА

Тарроҳ:
Хусрав МАЗОРИЕВ

Дар нашрия ба хотири чандандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифон масъулият доранд.

Нашрия таҳти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

Суроға:
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ-47,
тел: 8 (3222) 2-82-92, 2-70-70



Чопхонаи ЧДММ «Шоҳин-С», *теъдод: 19160 нусха*